**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи: «Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ).**

Глитсеридҳои табиӣ, аз он ҷумла фосфоглитсеридҳо ва моддаҳои ба онҳо монанд, субстратҳои таъсирбахш ва ингибиторҳои системаи фермент мебошанд, аз он ҷумла гидролизи метаболизми глитсеро-фосфолипид-фосфонилаз ва ғайра мебошад. Хосияти муқобил таъсиркунии фосфоглитсеридҳо барои ташхиси яккатор бемориҳо истифода бурда мешаванд. Бо иштироки липидҳо гузариши чарб дар плазмаи хун ба амал оварда мешавад. Инчунин липидҳо дар синтези сафедаҳо иштирок мекунанд. Муқаррар карда шудааст, ки дар таркиби варамҳои организм миқдори липидҳо бо эфирҳои содда зиёд аст. Механизми ҷамъшавии онҳо яке аз мавзуъҳои диққатҷалбкунандаи химияи органикӣ ва биоорганикӣ ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир пешниҳод карда шудааст, ки липидҳои алкилӣ дар синтези хун дар организм иштирок мекунанд. Миқдори эфирҳои алкилӣ ва алкении спирти сеатомаи глитсерол, ки аз ҷигари акула гирифта шудааст, барои муолиҷаи бемориҳои дарунӣ кор фармуда мешавад.

Ба қавли Шарипов Ф.Н. муқаррар карда шудааст, ки аз маҳсулотҳои нисбатан дастрас ва арзон: глитсерол, диглитсерол ҳосил намудани маҷмуи васеи ҳосилаҳои нави диглитсерол имконпазир буда, эфирҳои онҳо эҳтимолияти хосиятҳои зидди нафасгирии вазнин, аллергия, шамолкашӣ, варамҳои вазнин дошта ва ҳамчун маводи доруворӣ роҳ хоҳанд кушод. Навгонии илмии кори номзадӣ дар он аст, ки аввалин маротиба шароитҳои оптималии усули синтези ҳосилаҳои нави диглитсерол мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст; дар аксарияти пайвастҳои синтезкардашуда хосиятҳои мусбии қаблан номаълум оид ба

фаъолнокии биологӣ бо заҳрнокии пасти онҳо ошкор карда шудааст; якқатор моддаҳо хосиятҳои фаъоли ҳаматарафаи биологӣ дошта, ки нисбат ба маводи дорувории маълум бартарӣ доранд. Вобастагии фаъолнокии биологии онҳо аз сохти химиявиашон муайян карда шудааст.

Хулоса автореферати диссертатсияи **Шарипов Фирдавс Нуралиевич** дар мавзуи: «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**», бо мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, Ф.Н. Шарипов **барои дарёфти дараҷаи илмии** доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ) сазовор аст.

**Тақризнавис:** Гулов Тоир Ёрович номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи органикӣ ва биологии факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

____________________

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел.: (+992 37) 224-20-12. (+992 37) 224-13-83.

Имзои Гулов Тоир Ёрович -ро тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ Мустафозода А.

«05» 04 соли 2025